*ТДУ 8Т2*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-262-267*

# *МАҚОЛАИ ШАРИФҶОН ҲУСЕЙНЗОДА ВА АВВАЛИН НАҚДИ МАВОДИ РӮЗНОМАИ “ҲАҚИҚАТИ СУҒД”*

***Ҳакимова Сурайё Ҳасансултоновна,*** *н.и.ф., омӯзгори кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ “ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров”(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *СТАТЬЯ ШАРИФДЖОНА ХУСЕЙНЗАДЕ И ПЕРВЫЙ ОБЗОР СОДЕРЖАНИЯ ГАЗЕТЫ «ХАКИКАТИ СУГД»*

***Хакимова Сурайё Хасансултоновна,*** *к.ф.н.,преподаватель кафедры журналистики и теории перевода ГОУ “ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE ARTICLE OF SHARIFJON HUSEINZODA AND THE FIRST REVIEW OF THE CONTENTS OF THE NEWSPAPER "HAKIKATI SUGD "*

***Hakimova Surayo Hasansultonovna,*** *candidate of philological sciences, lecturer of the department of journalism and theory of translation of SEI “KSU named after acad. Bobojon Gafurov” (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *hasansultons@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *рӯзнома, Шарифҷон Ҳусейнзода, “Пролетари Хуҷанд” адабиёт, шумораи ҷашнӣ, саҳифаи адабӣ*

*Дар мақола масъалаи нақди маводи адабии рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд” (айни ҳол “Ҳақиқати Суғд”) аз ҷониби Шарифҷон Ҳусейнзода баррасӣ шудааст. Мақолаи Ш.Ҳусейнзода ”Дар роҳи санъати бузурги сотсиалистӣ” унвон дошта, таҳлилу баррасӣ ва нақди кӯтоҳе ба саҳифаи адабии “Адабиёт ва саноеии нафиса” мебошад. Таъкид мешавад, ки дар соли дувуми нашри ба риштаи нақд кашида шудани фаъолияти адабии рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд” ва саҳифаи адабии он маълум месозад, ки ҷарида дар тарғибу ташвиқи илму адаб саҳми арзанда доштааст ва имрӯз ҳам ин рисолатро сарбаландона ба ҷо меорад.Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки рӯзнома аллакай аз рӯзҳои нахустини нашри хеш ба масъалаҳои адабиёт, ба вижа тарғибу ташвиқи адабиёти миллӣ таваҷҷуҳ намуда, дар баробари нашри ҳикояву шеърҳои ҷолиб саҳифаи махсуси адабӣ бо номи “Адабиёт ва саноеи нафиса” доштааст. Мақолаи Шарифҷон Ҳусейнзода ”Дар роҳи санъати бузурги сотсалистӣ”-ро аз мақолаҳои бозёфтии адабиётшиноси маъруф, ки дар оғози фаъолияти илмии хеш иншо намудааст ва то кунун дастраси аҳли назар набуд, шинохтан мумкин аст.*

***Ключевые слова:*** *газета, Шарифджон Хусейнзода, «Пролетарий Худжанда», литература, праздничный номер, литературная страница*

*Рассматривается вопрос критики литературных материалов в газете “Пролетари Худжанд” (сейчас «Хакикати Сугд») Шарифджоном Хусейнзаде. В статье Ш.Хусейнзаде, которая называется «Дар роҳи санъати бузурги сотсиалистӣ» («На пути великого социалистического искусства“), проводится критический анализ на литературной странице газеты – «Адабиёт ва саноеии нафиса» («Литература и изящное искусство"). Подчёркивается, что со второго года издания газеты “Пролетари Худжанд” и ее литературной страницы стало известно, что газета внесла достойный вклад в пропаганду науки и литературы и сегодня продолжает выполнять эту миссию с гордостью. Исследование показывает, что с первых дней своего издания газета уже уделяла внимание вопросам литературы, особенно пропаганде национальной литературы. Статью Шарифджона Хусейнзаде «На пути великого социалистического искусства», которую он написал в начале своей научной деятельности, можно назвать уникальной находкой. Однако она до сих пор не была доступна широкой публике.*

***Key words:*** *Newspaper, Sharifjon Huseynzoda, "Proletary of Khujand", literature, holiday issue, literary page*

*The article discusses the issue of criticism of literary materials in the newspaper "Proletari Khujand" (now "Hakikati Sugd") by Sharifjon Huseynzoda. The article named "Dar rohi san'ati buzurgi sotsialisti" ("On the way of the great socialist art"), provides a critical analysis on the literary page of the newspaper - "Adabiyet va sanoeii nafisa" ("Literature and fine art"). Since the second year of newspaper's publication and its literary page, the newspaper has made a worthy contribution to the promotion of science and literature and today continues to fulfill this mission with pride.The study shows that from the first days of its publication, the newspaper has already paid attention to literary issues, especially to the promotion of national literature. Sharifjon Huseynzoda's article "On the way of great Socialist Art" can be called a unique find, which he wrote at the beginning of his scientific activities, but which was not available to the general public before.*

Асри XX марҳалаи дигаргунии куллӣ дар равиши зиндагии ҷомеаи Тоҷикистон буд. Инқилоби Октябри соли 1917 дар шумори кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ моҳияти маънавии ҳаёти мардуми тоҷикро тағйир дод. Яке аз навгониҳои муҳими даврони шӯравӣ, дар баробари дигар соҳаҳо, таъсис ва ривоҷу равнақи матбуот буд. Матбуоти миллии тоҷик дар замони шӯравӣ бо "мазмунан сотсиалистӣ" марҳалаи муҳими сарнавиштсозро аз сар гузаронид.

Матбуоти солҳои 20-уми асри XX аз нигоҳи таърихи ташаккул қобили таваҷҷуҳ буда, ин раванд дар солҳои 30-юм густариши бесобиқа пайдо кард. Даҳсолаҳои аввали садаи XX, ки давраи нахустини адабиёти советӣ маҳсуб меёбад, аз муҳимтарин марҳалаҳо дар таърихи адабиёт, матбуот ва фарҳанги тоҷик ба шумор меравад, зеро дар ин марҳила адабиёти советӣ шакл гирифта ба рушди минбаъда замина гузошта шуд.

Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёт ва нақди адабӣ дар солҳои 20-30-уми асри гузашта яке аз самтҳои муҳими адабиётшиносии муосир аст, зеро баъд аз қарори таърихии КМ Ҳизби коммунисти соли 1932 "Дар бораи азнавсозии ташкилоти адабӣ-бадеӣ" дар адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик фаъолияти ҷиддиву густарда ҷараён гирифт, ки ба рушди адабиёти шӯравии тоҷик мусоидат кард. Матбуоти даврӣ низ ҷиҳати иҷрои қарори мазкур маводи ҷолибу нақдҳои арзишмандро дар саҳифаҳои хеш нашр менамуд. Ин масъалаҳо дар адабиётшиносии муосир дар таҳқиқоти устодон Муҳаммаҷон Шакурӣ, Маъруф Раҷабӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Худойназар Асозода, Абдухолиқ Набавӣ, Матлубаи Мирзоюнус, Мурод Муродов, Субҳони Аъзамзод ва дигарон баррасӣ шудааст.

Воқеан, мақолаҳое, ки роҷеъ ба адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ дар матбуоти тоҷик дар ин солҳо нашр шудаанд, дар ташаккули андешаву афкори адабӣ ва шуури миллии замон нақши бориз доштанд. Бино ба таъкиди адабиётшинос Субҳони Аъзамзод "таҳқиқ ва баррасии таърихи матбуоти тоҷик дар контексти таърихи адабиёти тоҷик яке аз муҳимтарин масоили шинохти падидаҳои адабӣ ва матбуотӣ дар ибтидои асри XX маҳсуб мешавад.

Дар ҳавзаи адабии Хуҷанд тарғибу ташвиқи адабиёт, адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ ба таъсиси матбуот, аз ҷумла рӯзномаи "Роҳи колхозчӣ", (25-уми марти соли 1930, айни ҳол "Ҳақиқати Суғд") ва рушди он сахт алоқаманд аст. Ҳайати эҷодии рӯзнома аз оғози фаъолият талош намудаанд, ки адабиёти навини тоҷикро бинобар тақозои талаби замон, образу характерҳои равшану мушаххас ва шаклу жанрҳои гуногуни адабӣ муаррифӣ ва тарғибу ташвиқ созанд.

Гуфтанист, ки дар оғози асри XX нақди матбуот "асосан дар атрофи масъалаҳои ба он замон муҳим – фаҳмиши марксистии матбуот ва адабиёт, моҳияти синфии матбуот ва адабиёт, тарғибу бунёди матбуот ва адабиёти пролетарӣ, арзёбии намунаҳои матбуот ва адабиёт аз рӯи меъёрҳои синфӣ машғул буд"[8,с.115]. Муҳаққиқ М.Муродов низ қайд мекунад, ки "ташаккулу инкишофи адабиёти муосир, бахусус насри воқеъ (реалист)- ии он аз ҳар ҷиҳат ба ташкил ва интишори матбуоти даврӣ сахт алоқаманд аст [10,с.9].

Дар ин марҳила ривоҷи танқиди адабӣ барои рушди тафаккури адабӣ замина фароҳам намуд ва чуноне М.Хоҷаева қайд мекунад, дар ин марҳилаи таърих "адабиёти шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистӣ» дар доираи низоми реализми сотсиалистӣ арзи вуҷуд кард ва баробари асарҳои қолабӣ ва камранг асарҳое низ ба миён омаданд, ки дар онҳо моҳияти инсони замон ва худшиносии иҷтимоии меҳнаткашон ҷойгоҳ ба даст оварданд"[9,с.49]. Ба андешаи Абдухолиқ Набавӣ бошад, "адабиётшиносии марксистӣ дар солҳои 20 ва аввали солҳои 30 дар ду самт- нақди мафкуравии сиёсӣ ва танқиди илмии иҷтимогаро амал мекард. Ҳар ду ҳам ҷамъбаи модигароӣ доштанд; яке аз роҳи мафкура ва дигаре аз тариқи тадқиқи илмӣ асоси методологияи худро бунёд мекарданд; аввалӣ дастурҳои ҳизбиро тарғибу ҳимоя мекард; дувумӣ мақому нуфузи мафкураро дар тору пуди кори эҷодӣ ва тасвири бадеӣ ба мушоҳида гирифта, таҳлилу баррасӣ менамуд"[11]. А.Набавӣ таъкид мекунад, ки "сифати нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷики солҳои 20 ва аввали солҳои 30-ро ҳамин ду шохаи нақди марксистӣ" муайян месохт.

Воқеан, матбуоти шӯравӣ дар муаррифии адабиёти замони нав хидмати шоистаро ба иҷро расонидааст. Муҳаққиқ А.Азимов зимни баррасии адабиёт ва матбуоти солҳои 30-юми асри XX ба ин маънӣ қайд мекунад, ки «адабиёти нави шӯравӣ аз матбуот маншаъ гирифтааст. Қисми зиёди адибони наслҳои якуму дуюми адабиёти тоҷик аввалин чакидаҳои хомаашонро дар матбуот манзури хонандагон гардонидаанд. Ба ин васила матбуот ба поягузории адабиёти нави тоҷик, ба шаклгирии мавзӯъ, жанр ва қолабҳои он сабаб шудааст» [3,с.24].

Рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд” (айни ҳол “Ҳақиқати Суғд”) аз аввалин рӯзномаи ҳавзаи Хуҷанд аст, ки дар оғози асри XX ба сифати минбари нахусини адабиёти шӯравии тоҷик шинохта шуда, ин вазифаро сарбаландона иҷро кард.

Ҳамакнун нашрияи Мақмоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд “Ҳақиқати Суғд” беш аз навад сол аст, ки дар тарғибу ташвиқи идеяҳои созандаи замон нақши бориз гузошта, дар ҳама марҳалаҳои фаъолияти хеш ба инъикоси ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиву адабии давр таваҷҷуҳ намудааст. Инъикоси масъалаҳои адабӣ низ аз ҷумлаи муҳимтарин бахшҳои ин ҷаридаи соҳибном аст. Имрӯз дар саҳифаҳои рӯзномаи “Ҳақиқати Суғд” маводи зиёд ва хонданиро дар мавриди адабиёт ва адабиётшиносӣ пайдо карда метавонем, ки ин албатта, идомаи анъанаҳои хуби рӯзнома мебошад.

Мунтазам нашр шудани саҳифаи адабии “Сафинаи Сайҳун”, ки шеъру ҳикоя, қиссаву новелла ва очеркҳои хонданиро нашр менамояд далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Бояд гуфт, ки рӯзнома аллакай аз рӯзҳои нахустини нашри хеш ба масъалаҳои адабиёт, ба вижа тарғибу ташвиқи адабиёти миллӣ таваҷҷуҳ намуда, дар баробари нашри ҳикояву шеърҳои ҷолиб саҳифаи махсуси адабӣ дошт, ки бо номи “Адабиёт ва саноеи нафиса” нашр мешуд. Ҷолиб аст, ки ин саҳифа тартиби шумораи хешро дошта, пайдарҳами шумораҳо риоят мешуд. Ин омил бозгӯи он аст, ки ҳайати таҳририяи рӯзнома ба масъалаҳои адабиёт ва тарғибу ташвиқи он таваҷҷуҳ ва муҳаббати хос доштаанд.

Пахши нахустини саҳифаи адабӣ дар шумораи 1(61)-уми рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд“ санаи 7-уми ноябри соли 1930 нашр шудааст. Бояд гуфт, ки рӯзнома то ин сана аллакай номи худро аз “Роҳи колхозчӣ” ба “Колхозчӣ” ва сипас ба “Пролетари Хуҷанд” иваз карда буд. Рӯзномаи «Колхозчӣ» дар шумораи №60, дар саҳифаи чорум оид ба иваз шудани номи рӯзнома ба «Пролетари Хуҷанд» ба хонандагон иттилоъ расондааст. Ин хабар дар охири саҳифа бо ҳуруфи нисбатан калон ва ороишоти фарққунанда ба нашр расидааст. Дар ин хабар омадааст:

*«Хабардор бошед!*

*Дар 7 ноябр дар рӯзи иди сенздаҳсолаи Инқилоби Октябр дар Хуҷанд ба ҷои «Колхозчӣ» ба номи «Пролетари Хуҷанд» нумраи 1-уми нахустин газетаи коргарӣ мебарояд. Саҳифаи махсуси «Адабиёт ва санъати нафиса» ҳам дорад. Идораи «Пролетари Хуҷанд» [14,с.47].*

Ин хабарнома ва иттилоъ додан аз нашр намудани саҳифаи махсуси адабӣ аз мақом ва саҳми адбиёт дар рушди ҷомеа ва таваҷҷуҳи хонандагон дарак медиҳад. То поёни соли 1931, ин саҳифаи адабӣ дар 21 шумора ба хонандагон маводи адабӣ пешниҳод кардааст.

Роҷеъ ба саҳифаи адабии “Адабиёт ва саноеи нафиса” мо муфассал дар китоби “Ҳақиқат аз равзанаи замон” (2022), ки таърихи рӯзнома ва нақши он дар ташаккули матбуоти тоҷикро бозгӯ мекунад, гуфтаем ва аз ҷумла дар ин китоб қайд шудааст, ки “соли 1932 рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд» 17 шумора саҳифаи «Адабиёт ва санъати нафиса»-ро омода ва пешкаши хонандагон сохтааст. То моҳи июли соли 1933 ҳафт шумора саҳифаи вижаи адабӣ интишор шудааст [14,с.3].

Дар маҷмӯъ, агар ба асноди дар дастдоштаи хеш такя кунем, метавонем натиҷагирӣ намоем, ки то 27-уми июли соли 1933 дар рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд» 44 шумораи вижаи «Адабиёт ва санонеи нафиса» нашр шудааст. Рақамгузории силсилавии ҳар шумора ва дар солҳои гуногун риоя шудани тартиби шумораи интишори саҳифа далели он аст, ки солҳои 1931-1933 ин саҳифа мунтазам нашр шудааст. Омӯзиши маводи саҳифаҳо маълум месозад, ки ин саҳифа ба хотири тарғибу ташвиқи адабиёт ва тарбияи насли нави шоирону нависандагон роҳандозӣ шудааст.

Албатта, таҳлилу баррасии мӯҳтавои саҳифаи адабии “Адабиёт ва саноеии нафиса” дар солҳои аввали нашри рӯзнома омӯзиши муфасслу ҷудогонаро тақозо мекунад. Ин ҷо мехоҳем роҷеъ ба як мақола, ки дар шумораи 7(27)-уми саҳифаи адабии “Адабиёт ва саноеии нафиса” дар шумораи 23(211) “Пролетари Хуҷанд” санаи 25-уми марти соли 1932 нашр шудааст, маълумот диҳем. Мақола ”Дар роҳи санъати бузурги сотсиалистӣ” унвон дошта, муаллифи он Ш.Ҳусейнзода мебошад. Мӯҳтавои он таҳлилу баррасӣ ва нақди кӯтоҳе ба саҳифаи адабии “Адабиёт ва саноеи нафиса” аст. Дар соли дувуми нашри хеш ба риштаи нақд кашида шудани фаъолияти адабии рӯзнома ва саҳифаи адабии он аз ҷониби муҳаққиқон гувоҳ бар он аст, ки воқеан ҷарида дар тарғибу ташвиқи илму адаб саҳми арзанда доштааст ва имрӯз ҳам ин рисолатро сарбаландона ба ҷо меорад.

Суоле ба миён меояд, ки оё ин мавод дар ҳақиқат ба қалами Шарифҷон Ҳусейзода (1907-1988), адабиётшиноси маъруфи тоҷик тааллуқ дорад?

Дар поёни мақолаи “ Дар роҳи санъати бузурги сотсиолистӣ” муаллиф “*Ш.Ҳусейнзода, Тошканд*” оварда шудааст. Агар бо такя ба ин нукта, ки фаъолияти мунаққидии Шарифҷон Ҳусейнзода поёни солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юм оғоз шудааст, ба ин масъала таваҷҷуҳ кунем ва Тошканд ишора шудани макони таълифи маводро ба эътибор гирем (Ш. Ҳусейнзода маълумоти олии касбиро дар Тошканд соли 1931 факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (ба забонҳои ӯзбекӣ, тоторӣ ва русӣ фаро гирифтааст ва муддате дар ин даргоҳи дониш дарс ҳам гуфтааст) ба гумони ғолиб метавонем гӯем, ки ин навишта ба қалами Шарифҷон Ҳусейзода - адабиётшиноси номвари тоҷик тааллуқ дорад.

Нашр шудани мақолаи устод Шарифҷон Ҳусейнзода дар саҳифаи рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд” (ҳоло “Ҳақиқати Суғд”) ва нақд шудани муҳтавои адабии саҳифоти рӯзнома бозёфти ҷолибест, ки пас аз 90 сол дастраси мо шуд. Мақола дар шумораи ҷашнии рӯзнома, ки бахшида ба ду солагии таъсиси он нашр шудааст, интишор шудааст. Шарифҷон Ҳусейзода дар солҳои баъдӣ низ ҳамкории хешро бо рӯзнома идома дода, сисилаи мақолаҳои устод дар саҳифаҳои рӯзнома дарҷ шудаанд.

Дар ин мақола Шарифҷон Ҳусейнзода зимни баррасии мавзуъ аз мақом ва мавқеи рӯзнома ҳарф зада, таъкид менамояд, ки адабиёти пролетарии тоҷик ба муваффақияти беназир ноил шуда, рӯзномаҳои дар ин марҳала дар дохили мамлакат нашршаванда ҷавонони боистеъдод доранд. Ш.Ҳусейзода аз ҷумла қайд мекунад “яке аз иҷрокунандагони ин вазифаи бузург, бешубҳа, рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд” мебошад. Саҳифаи адабии рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд” хидматҳои лоиқу сазоворро иҷро карда меояд вай дар натиҷаи сиёсати адабии партияи болшевикӣ ба атрофи худ аз фарзандони коргару колхозчиён кадрҳои нав шоирони пролетарӣ набор карда, дар соҳаи адабиёти пролетарии тоҷик ба урдуи пурқувват мубаддал мешавад. Ӯ бо ин муваффақиятҳо дар натиҷаи мубориэаи синфӣ ноил шудааст”[17]. Ба таъкиди мунаққид шоирон ва нависандагоне, ки дар соҳаи адабиёти пролетарӣ хидмат мекунанд дар саҳифаҳои адабии ин рӯзнома бо силоҳ-қалами худ мубориэаи шадид ва қаҳрамониҳои бемисл нишон додаанд.

Албатта, дар марҳалае, ки дар кишвар инқилоби маданӣ ҷараён дошт ва соли 1932 ҳанӯз дар деҳоти Тоҷикистон мактаби миёна набуд (аввалин мактаби миёна дар деҳоти Тоҷикистон соли 1934 кушода шуда буд [15]. саҳми рӯзнома дар самти саводноккунии аҳолӣ ва тарғибу ташвиқи илму адабиёт ва ҳунар бесобиқа ва назаррас аст, зеро матбуот соҳаи бонуфузи инқилоби маданӣ ба шумор рафта, чун воситае, ки имкони зиёди таъсиррасонӣ дошта, дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодию маданӣ фаъол буд.

Мусаллам аст, ки таҳлилу баррасӣ ва нақди муаллиф аз нигоҳ ва диду назару боварҳои хоси замон сурат гирифтааст ва Ш.Ҳусейнзода ба ин нукта ишора мекунад, ки “саҳифаи адабии “Пролетари Хуҷанд” дар давоми таърихчаи кӯтоҳ барои иҷрои вазифаи бузурги пролетарӣ ҷонбозӣ карда, вазифаи худро таъин карда тавонист”[17]. Ба таъкиди муаллиф вазифаи аслии нақди адабӣ дар замони нав муайян намудани ҳусну қубҳи асарҳои таълифшуда мебошад. Ш. Ҳусейнзода маводи адабии рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд”-ро бо риояи ҳатмии қонунияти мантиқӣ ва таърихӣ таҳлил кардааст. Ҳадафи мунаққид ёрии беғаразона расондан ба кори адабии рӯзнома аст.

Дар баррасии кӯтоҳи хеш муаллиф аз шеъри Раҳим Ҷалил ва истеъдоди хуби ҷавони навҷӯ ёдрас шуда, ҷушу хурӯши зиндагии созандаро дар сатрҳои шеъри муаллиф тавсиф мекунад.

Ш.Ҳусейнзода бо таъкиди ин нукта, ки рӯзнома ҳадаф ва мақсадҳои дурустро пеш гиритфа, барои ноил шудан ба ин мақсад талошҳои созанда дорад, аз баъзе камбудиҳо низ ёдрас мешавад. Аз ҷумла, муҳаққиқ пурқувват намудани ғояи коммунизмро дар маводи адабӣ муҳим шуморида? ишора мекунад, ки “санъати пролетарӣ дар торихи ҷамъияти башар санъат ва адабиёти сотсиолизмро бунёд намуда истодааст. Ин санъат ва адабиёти бузург сотсиолизмро бе назариёти фалсафии мо коммунизм – ленинизм тасаввур кардан мумкин нест” [17,с.4]. Адабиётшинос таъкид мекунад, ки адабиёт ва санъати бузурги бе идея бузург нахоҳад шуд.

Камбудии дигаре, ки муаллиф бар он ишора дорад, дар вақти тасвир кардани як ҳодисаи иҷтимоӣ ва ё як воқеа танҳо ағлабаи ҳамон ҳодиса дар воқеаро баён намудан, яъне моҳият ва маънои ҳақиқати ҳодисаро мукаммал эзоҳ ва баён накардан мебошад.

Дар баробари ин Шарифҷон Ҳусейнзода таъкид мекунад, ки “дар пеши рӯзномаи “Пролетари Хуҷанд” боз вазифаи муҳим ва ҷиддӣ истодааст, ки ӯ оммаи ҷавонони меҳнаткашро идеяи зиракии davraамон мусалаҳ намояд. ”Муҳаққиқ аз хидматҳои шоистаи рӯзнома дар тарғибу ташвиқи адабиёт сухан карда, қайд мекунад, ки “ба воситаи адабиёти

нафис қарору деректифи партияи комунистиро иҷро кардан, дар байни мардумон тарбияи васеи сотсиолистиро ҷорӣ карда, онро ба фаъолони ҷамъияти бесинф мубаддал кардан вазифаи имрӯза” [17,с.4] мебошад.

Бино ба таъкиди адабиётшиноси тоҷик Худойназар Асозода яке аз хусусиятҳои “адабиёти солҳои 1924-1950 содабаёнӣ буд. Адибон сатҳи донишу маърифат ва майлу завқи хонандаи худро хуб дарк мекарданд” [3,с.63]. Муҳаққиқ Ш.Ҳусейнзода низ таваҷҷуҳ ба ин вижагиро дар маводи адабии рӯзнома омили муваффақият шинохтааст.

Мақолаи Шарифҷон Ҳусейнзода ”Дар роҳи санъати бузурги сотсалистӣ”-ро аз мақолаҳои бозёфтии адабиётшиноси маъруф, ки дар оғози фаъолияти илмии хеш иншо намудааст ва то кунун дастраси аҳли назар набуд, шинохтан мумкин аст.

Бешубҳа, накд шудани маводи адабии рӯзнома аз ҷониби Шарифҷон Ҳусейнзода гувоҳи он аст, ки дар он солҳо рӯзнома рисолати хешро содиқона ва дар сатҳи баланд иҷро намуда, дар баробари инъикоси паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт дар тарғиби адабиёт саҳми арзанда гузоштааст. Таҳлилу баррасии маводи рӯзнома аз ҷониби муҳаққиқи саршиноси тоҷик шодравон Шарифҷон Ҳусейнзода аз нуфуз ва эътибори ҷарида дар рушди адабиёти давр башорат медиҳад.

Воқеан, накдҳои созандае, ки он замон дар нашрияҳои даврӣ ба нашр мерасиданд, бар ин омил мусоидат намуданд, ки аҳли зиёи ҷамъияти нав бо таълимоти марксистӣ – ленинӣ бештар мусаллаҳ бошанд.

Ин аст, ки рӯзнома дарозои фаъолияти хеш ҳамкории судмандеро бо аҳли илму адаб ва муҳаққиқон ба роҳ монда буд. Дар оғози роҳи ин ҳамкориҳо устодони арҷманде ба амсоли Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Зариф Раҷабов ва дигарон қарор доштанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуқодири, Абдурауф. Матбуоти оғози садаи ХХ ва нақши он дар бедории фикрии тоҷикон/А.Абдурауф// Шарофати “Бухорои шариф”.-Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, С.57-64.
2. Азимов, А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик (солҳои 1920-30)/А.Азимов.-Душанбе: Адиб.-1998.-90 с.
3. Азимов, А. Адабиёт дар матбуоти солҳои сиюм/А.Азимов.-Душанбе: Дониш, 2007.-52 с
4. Азимов,А.Матбуот ва тарбияи мухбирон/А.Азимов.-Душанбе: Истеъдод, 2018.-32 саҳ.
5. Асозода, Х.Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ/Х.Асозода.-Душанбе: Маориф, 1999.- 448 с.
6. Аъзамзод, С. Адабиёт ва маърифати нақд (Масъалаҳои шинохти таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи бист)/ С. Аъзамзод.–Хуҷанд: Анис, 2012.–200 с.
7. Аъзамзод, С. Оид ба таҳқиқи муштараки таърихи адабиёт ва матбуоти тоҷик// Шарофати “Бухорои шариф”-Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил.-С.113-121.
8. Аъзамов, С. Б. Изучение печати и " критика и печати": социальные основы проблем печати в журнале "Рахбари дониш" / С. Б. Аьзамов, М. А. Саидходжаева // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2017. – № 2(51). – С. 115-122. – EDN ZBXTWJ.
9. Мирзоюнус, М. Чашмандозе ба назария варавишҳои марҳалабандии адабиёти тоцик дар замони нав / М. Мирзоюнус, С. Б. Аъзамов // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2022. – No. 1(70). – P. 44-52. – DOI 10.51844/2077-4990-2022-1-44-52. – EDN MPRNRZ.
10. Муродов, М. Саидризо Ализода и становление печатной сатиры / М. Муродов // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2012. – № 4(32). – С. 9-18. – EDN PHRSYN.
11. Набиев, А. Нарзулло Бектош ва илму адаби точики солҳои 20-30-юми садаи ХХ/А.Набиев.-Душанбе:Ирфон, 2003. - 314 с.
12. Раҷабӣ, М. Таърихи танқид ва адабиѐтшиносӣ (Асосҳои назариву эстетикии адабиёти тоҷикии марҳалаи якум. Солҳои 1920-1954) / М. Раҷабӣ.–Душанбе: Адиб, 1997.–208 с.
13. Усмонов, Ҷ.Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон/Ҷ.Усмонов, Ғаффоров У.- Душанбе: «Ирфон», 1975.-95 с.
14. Ҳакимова, С. Ҳақиқат аз равзанаи замон. Рӯзномаи “Ҳақиқати Суғд ва нақши он дар ташаккули матбуоти тоҷик/С.Ҳакимова.-Хуҷанд: Хуросон, 2022.-216 с.
15. Инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон // https://donish.org/en/course/learn/40-ta-rikhi-khalqi-tojik-sinfi

Сарчашмаҳо:
16. Колхозчӣ.- №60, ноябри солҳои 1930, 1932, 1933
"Пролетари Хуҷанд".-№23(211), 25.03.-1932
18. Бастаҳои рӯзномаи "Колхозчӣ", "Роҳи колхозчӣ" (1930), "Пролетари Хуҷанд"1932

REFERENCES:
1. Abdukadir Abdurauf. The press of the beginning of the 20th century and its role in the intellectual awakening of Tajiks.// The glory of "Bukhara Sharif", a collection of articles dedicated to the 100th anniversary of "Bukhara Sharif". - Khujand: Rahim Jalid State Publishing House, 212.-236 pp. .-57-64.
2. Azimov A.Essays from the history of the Tajik press (1920-30 years).Dushanbe:Adib.-1998, 90 p.
3. Azimov A. Literature in the press of the thirties.-Dushanbe: Donish, 2007.-52 p.
4. Azimov Azimjon. The press and training of reporters.-Dushanbe: Talent, 2018.-32 p.
5. Asozoda Khudoynazar. Tajik literature in the 20th century - Dushanbe: Maarif, 1999. - 448 p.
6. Azamzod, S. Literature and knowledge of critics (Issues of understanding of the history of Tajik literature and critics of the 20th century): Collection of articles / S. Azamzod.-Khujand: Anis, 2012.-200 p.
7. Azamzod S. About the joint research of the history of Tajik literature and press.// Sharafati "Bukhara Sharif", a collection of articles dedicated to the 100th anniversary of "Bukhara Sharif". - Khujand: Rahim Jalid State Publishing House, 212.-236 p.
8. Azamov S. Saidhojaeva M. Journalism and "Press criticism": Social foundations of press issues in "Knowledge Leader" magazine// University letter No. 2(51) 2017.-115-122 p.
9. Mirzoyunus Matluba. Azamov Subhan A glance at the theory and approaches to the phasing of Tajik literature in the new era// university newsletter №1(70)-2022.- 44-52 p.
10. M. Muradov Saidrizo Alizoda and the formation of satire in the press// University letter, 2012.- 9-18 p.
11. Nabiev A. Narzullo Bektosh and Tajik science and literature of the 20s-30s of the 20th century. - Dushanbe: Irfan, 2003. - 314 p
12. Rajabi, M. History of criticism and literary studies (Theoretical and aesthetic foundations of Tajik literature of the first stage. Years 1920-1954) / M. Rajabi.-Dushanbe: Adib, 1997.-208 p.
13. Usmonov J., Usmonjon Gafforov. Press and correspondents of workers and farmers. -Dushanbe: "Irfan", 1975.-95 p.
14. Hakimova S. Truth through the window of time. Newspaper Hakikati Sugd and its role in the formation of the Tajik press.-Khujand: Khorasan, 2022.-216 p.
15. Cultural Revolution in Tajikistan // https://donish.org/en/course/learn/40-ta-rikhi-khalqi-tojik-sinfi

Sources:
2.1. Kolkhozchi issue 60, November 1930, 1932, 1933
2.2. Proletary of Khujand issue 23(211), dated March 25, 1932
2.3. Packages of the newspaper Kolkhozchi, Rohi kolkhozch" (1930), Proletary of Khujand 1932